**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”**
**д.и.филологӣ, профессор**
**Низомӣ М. З. ____________**
**«_28_» ___12___ соли 2022**

# ТАҚРИЗ

Муассисаи пешбар - кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ба рисолаи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи **«Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих). - Душанбе, 2022.- 176 саҳ.

Таҳқиқоти диссертатсионии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи **«Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон»** бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи бойгонишиносӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсия омӯзгорони кафедра, мудири кафедраи бойгонишиносӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент М. Мамадазимова, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедра А. Афғонов, номзади илмҳои таърих, дотсент С. Шарофуддинов ва дигар омӯзгорони кафедра, ки бо матни диссертатсия шиносгардида буданд иштирок ва суханронӣ намуданд.

Аз муҳокимаи устодон маълум гардид, ки рисола бо истифода аз манобеи бойгонӣ ва осори муҳаққиқону донишмандони соҳа дар сатҳи зарурӣ таълиф гардидааст ва ба омӯзиши яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои таърихи халқи тоҷик - Бойгонии минтақавии Ҳисор бахшида шуда, саҳифаи тозаеро дар илми тоҷик боз намудааст.

Ба андешаи мо, ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон қарор додани Бойгонии минтақавии Ҳисор хеле

зарур аст. Зеро Бойгонӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сохтори давлатӣ буда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқро ифода менамояд. Ҳар як ҳуҷҷати дар он маҳфузбуда паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро таҷассум мекунад. Имрӯз бе ягон шубҳа бояд гуфт, ки бойгонӣ ганҷинаи бебаҳои хотираи таърихии халқу миллат ба шумор меравад.

Бо вуҷуди он, ки мавзӯи рисолаи мазкур нахустин бор мавриди таҳқиқ қарор мегирад, дар хусуси фаъолияти бойгониҳои давлатии Тоҷикистон дар даврони Шӯравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ва Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аз ҷониби муаллифони мухталиф як силсила китобу дастурҳои арзишманд ба табъ расидаанд, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти бойгонии мазкурро то андозае баррасӣ менамоянд.

Осори чопшударо диссертант шартан ба панҷ гуруҳ ҷудо кардааст: ба гурӯҳи аввал ҳуҷҷатҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ, ба гурӯҳи дуюм адабиёти назариявию амалӣ, ки ба масъалаҳои умумии таърих, назария, роҳу усулҳои ташкили фаъолияти бойгониҳо бахшида шудаанд, ба гурӯҳи сеюм асарҳое ворид мегарданд, ки фаъолияти бойгониҳоро дар Тоҷикистонӣ Шӯравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ инъикос намудаанд, ба гурӯҳи чорум адабиётеро, ки роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва фаъолияти Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор маълумот медиҳанд, инчунин асарҳоеро, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихии дар ин бойгонӣ маҳфузбуда таҳия ва ба чоп расидаанд ва ба гурӯҳи панҷум осори умумиеро, ки нисбати бойгониву бойгонишиносӣ ахбороти муҳим додаанд, дохил кардааст.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ аз маводи бойгониҳо, ки пойгоҳи асосии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор фаровон истифода бурдааст. Аксари ин ҳуҷҷатҳо бори нахуст ба доираҳои таҳқиқотҳои илмӣ ворид мегарданд.

Дар рисола таъкид гардидааст, ки хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор қисми таркибии Хазинаи Бойгонии Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи таърих ва такомули Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳаммияти муҳимми таърихӣ, илмӣ ва амалиро дорад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот,

чаҳорчӯбаи хронологияи омӯзиш, миқёси ҳудудии таҳқиқот, навгониҳои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳиммияти мавзӯъ ва асосҳои методологии таҳқиқот таҳлил ёфтааст.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзӯъ хуб баён шуда, таърихнигории мавзӯъ таҳлили таҳқиқоти муҳаққиқони мухталифро дар бар мегирад. Муаллиф дар рисола тавонистааст, ки асарҳои муҳаққиқони соҳаи фарҳанг ва таърихро давра ба давра аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил намояд. Дар натиҷаи чунин таҳлилҳо муаллиф ақидаи шахсии хешро низ пешниҳод кардааст.

Муаллиф зимни таҳқиқи мавзуъ мақсад гузоштааст, ки таърихи навтарини Тоҷикистонро дар асоси ҳуҷҷатҳои Бойгонии минтақавии Ҳисор ба таври маҷмӯӣ омӯхта, роҳҳои ташаккули Филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисорро - ҳамчун қисми таркибии Хазинаи Бойгонии Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд.

Ҳадафи омӯзиш ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидааст:

- баррасии таърихи бунёд ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Водии Ҳисор;

- омӯзиши таърихи таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор;

- муайянсозии маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

-пайгирии таърихи барқарорсозии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор;

- муайянсозии манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;

- шарҳи таркиби хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;

- баррасии масъалаҳои нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар Филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;

- тавзеҳи мазмун ва усулҳои санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор;

- шарҳ додани хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқоти таърихи навтарини Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** ҳуҷҷатҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳамчун сарчашмаи омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсионии мазкурро раванди таҳлили таркиби ганҷинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, гурӯҳбандии онҳо ҳамчун

сарчашмаи таърихӣ, таърихи пайдоиши бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Ҳисор, муайянсозии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ роҷеъ ба таърихи шаҳри Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав, Турсунзода, Алмосӣ ва Пахтаобод ташкил медиҳад.

**Ҳудуди замонии таҳқиқот** солҳои 30-ми асри XX- оғози асри XX1-ро дар бар мегирад.

**Навгониҳои илмии рисола** дар он зоҳир мегардад, ки дар он бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хазинаҳои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид мегарданд.

Бахусус, ҳуҷҷатҳои нодири бойгониҳои зикршуда роҷеъ ба сохтмони Канали Калони Ҳисор, таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Регару Пахтаобод дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва ҳодисаи табии зилзила дар Ҳисор, инчунин маълумот оиди таъсис ва фаъолияти колхозу совхозҳо маълумотҳои муфид медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Муаллиф , пеш аз ҳама ба принсипҳои таърихӣ, муносибати объективонаи таҳқиқот такя намуда, раванди омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикистонро дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор воқеъбинона мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳо вобаста ба вазифа ва хусусияти кори таҳқиқотӣ методҳои гуногун: омӯзиши далелҳо ва маводҳои бойгонӣ, таҳлили таърихӣ – қиёсӣ, таърихӣ – типологӣ, таърихӣ, – системавӣ, муқоисавӣ – таърихӣ ва масъалагузорӣ – таҳлилӣ, истифода гардидаанд.

Дар боби якуми рисола **“Бунёди тартиботи Шӯравӣ дар водии Ҳисор ва таъсиси бойгониҳо дар ҳудуди он”**, ки аз чор зербоб иборат аст, барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор ва таъсиси бойгониҳо дар ҳудуди он ба таври амиқ таҳлил шудааст.

Дар зербоби якуми боби аввали рисола, ки **“Бунёд ва мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор”** ном дорад, масоили барқароршавӣ ва мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор инъикос гардидааст. Зимни баррасии он диссертант қайд менамояд, ки барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор баъд аз таъсисёбии Отряди Эъзомияи (Сафарбаркунӣ) ҳарбии Ҳисор оғоз гардид. Ӯ таъкид менамояд, ки дар натиҷаи аз ҷониби ин Отряд озод гардидани минтақа аз дастаҳои босмачиёни Амир Саид Олимхон ва пурра бунёд гардидани тартиботи Шӯравӣ ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Регар, Пахтаобод ва Алмосӣ ташкил шудаанд. Дар Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор доир ба ноҳияҳои дар боло зикр гардида,

ҳуҷҷатҳои нодире мавҷуданд, ки таҳқиқотчиён метавонанд аз онҳо бархӯрдор бошанд.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола – **“Таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор”** масоили бунёди бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Зимни тадқиқи ин масоил диссертант қайд менамояд, ки Бойгониҳо маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳамияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва хоҷагидорӣ буда, онҳо аз таърихи пайдоиш ва инкишофи давлатҳо ва сокинони онҳо иттилоъ медиҳанд. Аз ин ҷост, ки ҳифз, нигаҳдорӣ ва омӯзиши онҳо на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи ҳар як фарди ҷомеа маҳсуб меёбад.

Зербоби сеюми боби якуми рисола - **“Маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ”** ба тадқиқ ва таҳлили маводҳои бойгонии Ҳисор роҷеъ ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки меҳнати диловаронаи сокинони минтақаи Ҳисор дар солҳои Ҷангӣ Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) (1941-1945) дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ инъикоси худро ёфтаанд. Воқеъан, тибқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ фаъолияти сокинони минтақаи Ҳисор дар солҳои мудҳиши ҷанг хеле пурсамар аст.

Диссертант қайд менамояд, ки дар набардҳои ҶБВ бештар аз 260 ҳазор фарзандони халқи тоҷик бар зидди қувваи душман ҷонбозиҳо намудаанд. Барои мардонагию корнамоиҳо 56 нафар ҷанговарони тоҷикистонӣ бо Унвони олии Ватан – Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, 19 нафар бо се дараҷаи ордени «Шараф» ва бештар аз 50 ҳазор нафар бо ордену медалҳои даврони ҷанг қадршиносӣ гардидаанд. Тибқи ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии №1 Протокол ва ҳисоботҳо, қарорҳои колхозҳо ва ХБ № 196, ХБ № 212, ХБ 245, ки маҳз ҳуҷҷатҳои ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав ва шаҳри Турсунзода дар филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор нигоҳ дошта мешаванд, аҳолии ноҳияҳои зикршуда, баробари мардумони дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали ҷанг дар набардҳои мусаллаҳонаи ҷангӣ иштирок намуда, меҳнаткашони ақибгоҳ шабу рӯз заҳмат кашиданд.

Дар зербоби чоруми боби аввал – **“Азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар минтақаи Ҳисор”** дар заминаи ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақаи Ҳисор масоили азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки баъди ба итмом расидани ҷанг зарурияти истеҳсоли бештари аслиҳаи ҳарбӣ аз байн рафта, зарурияти ба талаботи замони осоишта мутобиқ гардонидани корхонаҳо ба миён омад. Панҷсолаи азнавбарқароркунӣ ва инкишофи хоҷагии халқи мамлакат барои солҳои 1946 – 1950 ин вазифаҳоро ба нақша гирифта буд.

Диссертант қайд менамояд, ки аҳолии минтақаи Ҳисор, хусусан сокинони ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода ва ноҳияи Ҳисор низ барои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд. Ба душвориҳо нигоҳ накарда, хоҷагиҳои ноҳия кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, то самарабахшии корхонаҳои асосиро ба қадри имкон таъмин намоянд. Маводҳои хазинаҳои Бойгонии минтақаи Ҳисор шаҳодат медиҳанд,ки дар солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринаву Турсунзода аҳолӣ дар таҷдиди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва ғайра хизмати диловарона намуда, ба муваффақиятҳои беназир ноил гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – **"Масъалаҳои пуркунӣ, таркиби хазинаҳо, нигаҳдорӣ ва усулҳои истифодабарии ҳуҷҷатҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор"** аз чор зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби дуюм – **"Манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор"** проблемаҳо манбаъҳо ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант қайд менамояд, ки дар хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноатӣ ва сохтмон, инчунин тақсимоти марзию маъмурӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Таъмини ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор"** масоили ҳифз, нигоҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки агар яке аз вазифаҳои муҳимми бойгонӣ ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо бошад, вазифаи дигари он таъмини бехатарӣ ва мавриди истифода қарор додани хазинаҳои бойгонӣ маҳсуб меёбад. Ҳуҷҷатҳое, ки дорои ҷанбаи сиёсӣ, илмӣ, таърихӣ, маданӣ, маишӣ, таҷрибавӣ ва ғайра мебошанд ва ба воситаи корхонаю муассисаҳо ва ё аз тарафи шахсони алоҳида ба фондҳои бойгонӣ дохил гардидаанд, бояд мавриди ҳифз ва нигаҳдорӣ қарор гиранд. Таъмини бехатарии ҳуҷҷатҳо тақозо мекунад, ки ба нигоҳдорӣ фаро гирифтани ҳуҷҷатҳои моҳиятан муҳим аҳамияти махсус дода шавад.

Зербоби сеюми боби дуюм – **«Санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси (экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор"** ба таҳқиқи масоили роҳҳои гузаронидани санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси

(экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор бахшида шудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки зери мафҳуми ташхиси қимати арзишнокии илмии ҳуҷҷатҳо, омӯзиши ҳуҷҷатҳо дар асоси меъёри (критерияи) қиматнокии онҳо бо мақсади муайянсозии мӯҳлатҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо ва хостагирии онҳо фаҳмида мешавад. Дар фаъолияти бойгонӣ ин яке аз масъалаҳои муҳимтарин, раванди кор бо ҳуҷҷатҳо маҳсуб шуда, ба баҳодиҳии сарчашмашиносии онҳо ҷамъбаст мегардад.

Дар зербоби чоруми боби дуюм – **“Шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқи таърихи навини Тоҷикистон”** оварда шуда шарҳи пурраи таркиби хазинаи бойгонии минтақавии Ҳисор мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки шарҳи хазинаҳои бойгонӣ ин маълумотномае мебошад, ки дар худ маълумотҳои мураттабшудаи таркиб ва мундариҷаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои алоҳидаро бо таҳлили манбаъшиносиашон, бо мақсади иттилоърасонӣ ба муассиса, ташкилот, корхона ва ҷомеаи илмӣ оиди хусусият ва аҳамияти ин ҳуҷҷатҳо бо мақсади васеъ кардани доираи истифодаи онҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолияти ҷомеа доро мебошад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор имрӯз зиёда аз 425 хазина мавҷуд аст, ки ҳуҷҷатҳои нодирро роҷеъ ба мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатии нохияҳои минтақа аз замони таъсис то имрӯз, ҳуҷҷатҳои ҷамоатҳои деҳот, идораву муассисаҳо, корхонаву ташкилотҳо, стансияҳои ноҳиявии мошинӣ-тракторӣ (СМТ), ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ ва ғайра маълумоти нодир медиҳанд.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои такмили минбаъдаи фаъолияти бойгониҳо тавсияҳои судманд додааст.

Диссертатсияи Обидов Рустам Ҳошимович таҳқиқоти баанҷомрасида, комил ва дар сатҳи муайяни илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаи хеш ноил гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисолаи мазкур камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Ба назари мо, дар рисола оид ба таърихи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон тибқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар минтақаи Ҳисор маълумот камтар аст. Хуб мешуд, агар диссертант масъалаи мазкурро дар зербоби алоҳида баррасӣ менамуд.
2. Дар рисола доир ба таърихи ноҳияҳои Алмосӣ ва Пахтаобод ва фаъолияти онҳо маълумот хеле кам аст. Хуб мешуд, ки мисли дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот васеътар баррасӣ мегардид.

3. Дар рисола хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва рисолаи мазкур таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона баанҷомрасида буда, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Рисолаи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи **«Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” санаи 27 декабри соли 2022 муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор»– 13 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи <u>№ 6</u> аз 27 декабри соли 2022.

**Раисикунанда, мудири кафедраи бойгоншиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ “ДДФСТ ба номи “Мирзо Турсунзода”, н.и.т. дотсент** **Мамадазимова М.М.**

**Ташхисгар, н.и.т., дотсент** **Шарофуддинов С.С.**

**Котиби ҷаласа** **Раҷабов А.А.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам: сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ “ДДФСТ ба номи М.Турсунзода”** **Ҳомидова З.**

28.12.2022

**Маълумот барои тамос:**
**МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода”**
**734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а,**
**Почтаи электронӣ: Email: tajartins@yandex,**
**www.ddst.tj Тел: (992) 231-45-45.**